# 5.2.[08 00 00] ИҚТИСОДИЁТ
# 5.2.[08 00 00] ЭКОНОМИКА
# 5.2.[08 00 00] ECONOMICS

5.2.3 [08.00.03] ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ ВА ҲУДУДӢ
5.2.3 [08.00.03] РЕГИОНАЛЬНАЯ И ОТРАСЛЕВАЯ ЭКОНОМИКА
5.2.3 [08.00.03] REGIONAL AND NATIONAL ECONOMY

*ТДУ 33Т.*

## *ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ДАР АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ МИНТАҚАВӢ ВА ИМКОНИЯТИ МУТОБИҚНАМОИИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Пӯлодова Хуршеда Шарифҷоновна,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг;* ***Каримова Наргиза Расуловна,*** *муаллими кафедраи кори бонкӣ;* ***Хӯҷаева Парвинахон Фарруховна,*** *докторанти PhD-и кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ «ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

## *ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РЕАЛИЗАЦИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ И ВОЗМОЖНОСТИ ЕГО АДАПТАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАНЕ*

***Пулодова Хуршеда Шарифджоновна,*** *к.э.н., доцент кафедры управления экономики и маркетинга;* ***Каримова Наргиза Расуловна,*** *преподователь кафедры банковского дела;* ***Ходжаева Парвинахон Фарруховна,*** *докторант PHD кафедры «Управление экономики и маркетинга» ГОУ «ХГУ имени акад.Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

## *FOREIGN EXPERIENCE IN IMPLEMENTING REGIONAL POLICY AND THE POSSIBILITY OF ITS ADAPTATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Pulodova Khursheda Sharifjonovna,*** *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department Management of Economics and Marketing,* ***E-mail:*** *rahim13@list.ru;* ***Karimova Nargiza Rasulovna,*** *Lecturer of the Department of Banking,* ***E-mail:*** *rasulovna0440@gmail.com;* ***Khojaeva Parvinakhon Farrukhovna,*** *Doctoral PhD of the Department Management of Economics and Marketing, SEI «KhSU named after acad.B. Gafurova» (Tajikistan, Khujand),* ***E-mail:*** *yokubova1974@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати минтақавӣ, минтақа, идоракунии минтақавӣ, муаммоҳои минтақавӣ, барномаҳои минтақавӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баробарнамоии минтақавӣ.*

*Дар мақола хусусиятҳои сиёсати минтақавии кишварҳое, ки аз рӯи намуд ва сатҳи рушд аз ҳам фарқ мекунанд ва таҷрибаи бойи онҳо бо ин ё он сабаб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷолиби диққат мебошад, баррасӣ шудааст. Ба омӯзиши муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодие, ки дар раванди татбиқ ва инкишофи сиёсати минтақавӣ ташаккул меёбанд, диққати махсус дода шудааст. Зикр гардидааст, ки ҳадафи он баробарсозии сатҳи рушди минтақаҳои алоҳида, таъмин намудани сатҳи муносиби зиндагии аҳолӣ ва истифодаи самараноки иқтидори захиравию истеҳсолии кишвар мебошад. Оид ба истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои таҳияи механизми ташкилию иқтисодии ташаккул ва татбиқи сиёсати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Дар сурати амалӣ гардонидани тадбирҳои рушди минтақавӣ дар дохили кишвар, ба динамикаи мусбати пешрафти ҳамаи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ноил гардидан мумкин аст.*

***Ключевые слова:*** *региональная политика, регион, региональное управление, региональные проблемы, региональные программы, социально-экономическое развитие, региональное выравнивание.*

*В статье рассматриваются особенности региональной политики в разных по типу и уровню развития странах, опыт которых в силу тех или иных причин интересен для Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется исследованию организационно-экономических отношений, складывающихся в процессе реализации и развития региональной политики, целью которой является выравнивание условий развития отдельных регионов, обеспечение достойного уровня жизни населения и эффективного использования ресурсно-производственного потенциала страны. Представлены рекомендации по использованию зарубежного опыта для разработки организационно-экономического механизма формирования и реализации региональной политики в*

*Республике Таджикистан. Благодаря правильной реализации мер по региональному развитию внутри страны, можно добиться положительной динамики социально-экономического прогресса всего государства.*

***Keywords:*** *regional policy, region, regional management, regional problems, regional programs, socio-economic development, regional alignment.*

*The article dwells on the peculiarities of regional policy in different countries by type and level of development, the experience of which is interesting for the Republic of Tajikistan for one reason or another. Particular attention is paid to the study of organizational and economic relations formed in the process of implementation and development of regional policy, the purpose of which is to equalize the conditions of development of individual regions, to ensure a decent standard of living of the population and the effective use of the resource-productive potential of the country. Presented recommendations on the use of foreign experience for the development of organizational and economic mechanisms of formation and implementation of regional policy in the Republic of Tajikistan. Due to the correct implementation of measures on regional development within the country, it is possible to achieve positive dynamics of the socio-economic progress of the whole state.*

Таҳқиқи коркард ва амалигардонии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо мунтазам дар маркази таваҷҷуҳи ҳукумат, ҳокимияти маҳаллӣ ва аҳли ҷомеаи ҳамаи давлатҳои мутараққӣ ва дар ҳоли тараққии ҷаҳон, новобаста аз сохти давлатӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ, қарор дорад. Муҳиммияти баррасии таҷрибаи давлатҳои хориҷиро оид ба масъалаи мавриди таҳқиқ маҳз ҳамин нукта муайян мекунад.

Исляев Т.Р. тавсифи нисбатан васеи сиёсати минтақавиро пешниҳод кардааст. Вай таъкид мекунад, ки таҳқиқи масъалаҳои марбут ба сиёсати минтақавии давлат ба вазифаи аввалиндараҷа табдил ёфта истодааст, ки ҳаллу фасли онҳо ба беҳтар гардонидани рақобатпазирии минтақа дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ имкон медиҳад [6, с. 268-270].

Ташаккули сиёсати минтақавӣ ҳамчун унсури мустақил ва муҳимми сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии бештари кишварҳои ғарбӣ дар солҳои 20-30 асри гузашта оғоз ёфтааст [2, с. 46-51].

Сиёсати минтақавӣ барои тавсифи як қатор тадбирҳои қонунгузорӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода шудааст, ки онҳо дар мавридҳои муайян ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҳаёти аҳолӣ дар мамлакатҳои мухталиф нигаронида шуда буданд. Объекти нави идоракунии давлатӣ дар соли 1972 ҳамзамон ба таъсиси Фонди аврупоии рушди минтақавӣ мавриди баррасии фаъолона қарор гирифт.

Дар мамлакатҳои мутараққӣ танҳо ҷанбаи маҳдуди мафҳуми сиёсати минтақавӣ таҳқиқ шудааст. Ба ҷанбаи мазкур он самтҳои фаъолияти давлат дохил карда мешаванд, ки дар онҳо ноил гардидан ба мақсадҳои фазоӣ бошуурона дар мадди аввал гузошта шудаанд.

Бо вуҷуди он ки олимони ватаниву хориҷӣ дар бораи идоракунии минтақавӣ асарҳои сершумор таълиф кардаанд, алҳол дар бобати таърифи мафҳуми «сиёсати минтақавӣ» ва арзёбии маҷмуии он иттифоқи ороъ ба назар намерасад.

Академик А.Г. Гранберг чунин мешуморад, ки мақсади сиёсати минтақавии иқтисодӣ бо вуҷуди гуногунрангии таърифҳо дар мамлакатҳои мухталиф созиши байни самаранокии иқтисодӣ ва адолати иҷтимоиро инъикос мекунад. Ба андешаи муаллифи мазкур, мақсадҳои иқтисодӣ эҳёи истеҳсолот дар минтақаҳои депрессивӣ, таъсиси қутбҳои рушд ва минтақаҳои соҳибкории босамар, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, тақвияти ҳамгироии байниминтақавӣ ва ғайраро дарбар мегирад. Афзоиши афзалиятноки иштиғол, даромади аҳолӣ ва беҳтар шудани инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои аз ҳама қафомонда васеъ намудани дастрасӣ ба неъматҳои ҷамъиятӣ аз ҷумлаи мақсадҳои асосии иҷтимоӣ ба шумор мераванд [4, с. 134].

Дар таҳқиқоти Ю.Н. Гладкий ва А.И. Чистобаев зикр мешавад, ки ба сифати мақсадҳои асосие, ки ба сиёсати минтақавии амалан ҳамаи мамлакатҳо хосанд, ҷузъҳои таркибии зерин баррасӣ мешаванд: таъсис ва таҳкими фазои ягонаи иқтисодӣ ва таъмини асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии давлатдорӣ (федерализм дар давлатҳои сермиллат ва федеративӣ); баробарсозии нисбии шароитҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо; рушди афзалиятноки минтақаҳое, ки барои давлат аҳаммияти махсуси стратегӣ доранд; истифодаи ҳадди аксари вижагиҳои табиӣ, аз ҷумла вижагиҳои захиравӣ; пешгирии ифлосшавии муҳити зист, экологонии истифодаи табиат дар минтақа ҳифзи маҷмуии экологии минтақаҳо [3, с. 247].

Профессор, узви вобастаи Академияи илмҳои иқтисодии Русия Лаженсев В.Н. қайд мекунад, ки таҳия ва амалӣ гардондани сиёсати минтақавӣ аз бисёр омилҳо вобаста аст. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон мушкилоти минтақавӣ аз лиҳози усулҳои дахолати ҳукумат ба равандҳои

минтақавӣ, инчунин аз рӯи сатҳи номутаносибии ҳудудӣ ва фарҳанги сиёсӣ бо муносибати он ҷиддан фарқ мекунанд. Хусусияти манфиатҳои геоиқтисодӣ ба интихоби сохтори институтсионалӣ таъсир мерасонад, зеро он алоқаҳои кооперативӣ ва шарикии стратегии ҳудуду давлатҳои гуногунро ба миён меорад [7, с. 98].

Олими маъруфи тоҷик, профессор Бойматов А.А. чунин мешуморад, ки гузаронидани сиёсати фаъоли минтақавии давлатӣ ба ҳалли вазифаҳо дар самти баробарсозии сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат мусоидат мекунад. Вай қайд мекунад, ки барномаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, беш аз пеш, ба олати асосии татбиқи сиёсати минтақавии таъмини рушди устувор табдил меёбанд [1, с. 162].

Профессор М.Н.Дудин комилан дуруст қайд мекунад, ки «сиёсати минтақавӣ дар баробари сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, хориҷӣ, экологӣ ва дигар намудҳои сиёсат самти «мустақил»-и фаъолияти давлат мебошад. Ҳамзамон ин мудохилаи бошууронаи давлат ба ҳалли мушкилоти фазоӣ мебошад, ки барои мамлакат «ғайриқобили қабул» мегардад, ҳадафҳои ба миён гузоштаи стратегияи минтақавӣ бошанд дастнорас мешаванд» [5, с. 6].

Ҳамин тариқ, сиёсати минтақавӣ зуҳуроти мураккаби бисёрсатҳаи стратегияи миллии давлат мебошад, ки барои кишвар аҳаммияти махсус дорад, зеро натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии давлат умуман аз он вобаста аст, ки дар сатҳи минтақавӣ равандҳои ислоҳот ва рушди иқтисодиёт то чи дараҷа натиҷабахш амалӣ мегарданд.

Ҳадафи асосии сиёсати муосири минтақавӣ имрӯз муайян кардани ҳудудҳои депрессивӣ, муаммодор, инчунин ояндадор, рушдёфта ва таҳияи барномаи давлатии рушд ба шумор меравад, ки барои ба рафъи фарқи байни сатҳҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии тамоми минтақаҳои кишвар, ба сатҳи миёнаи ҳаёт баровардани аксарияти аҳолӣ ва истифодаи босамараи иқтидори захиравӣ-истеҳсолии мамлакат мусоидат мекунад.

Дар кишварҳои хориҷӣ барои дарёфти модели оптималии ҳамкории марказ ва минтақаҳо зиёда аз даҳҳо сол сарф шудааст. Тавре ки таҳлили ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, барои татбиқи самараноки сиёсати минтақавӣ модели муносибатҳои байни сатҳҳои ҳокимият, бизнес ва аҳолӣ бояд ҳатман хусусияти динамикӣ дошта бошад, то ба ин муносибатҳо ҳам амудӣ ва ҳам уфуқӣ тасҳеҳ дароварда шавад.

Ҷорӣ намудани низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ бо гузариши иқтисодиёт ба модели нави рушди инноватсионӣ алоқаманд аст, ки он назар ба ҷалби сармоя калон ба раванди тадбирҳои иқтисодӣ ва технологӣ, бештар истифодаи захираҳои назарраси зеҳнӣ ва ахлоқии инсонро пешбинӣ мекунад, ки дар натиҷа ин бо мураккаб шудани тадбирҳои технологӣ ва ташкилӣ алоқаманд аст.

Сатҳи баланди маърифат ва касбияти аҳолӣ муҳаррики асосии гузариши минтақаҳо ба роҳи инкишофи бомуваффақият мебошад, зеро он барои дар ҳамаи соҳаҳо ва риштаҳои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва хизматҳо истифода бурдани технологияҳои муосир имконият фароҳам меорад ва ин нукта бояд ҳангоми ташаккули сиёсати минтақавӣ ба назар гирифта шавад.

Олим Юилл Д. дар заминаи таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нуктаи зеринро қайд кардааст: дар назар доштан лозим аст, ки сарҳадди сиёсати минтақавӣ ва соҳавӣ дар кишварҳои гуногун ба таври мухталиф муайян карда мешавад. Дар як қатор кишварҳо, масалан, дар Финландия, Шветсия, Белгия, Люксембург, Британияи Кабир чунин унсурҳои анъанавии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ба монанди бунёди инфрасохтор, рушди нақлиёт, коммуникатсия, маориф ва тандурустӣ расман сиёсати минтақавӣ ба шумор намераванд, онҳо бештар ба сиёсати умумимиллӣ мансубанд. Гузашта аз ин, иддае аз муҳаққиқон чунин ақида доранд, ки дар бораи мавҷудияти сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар ин ё он кишвар танҳо дар ҳолати қонунан ба расмият даровардани ин сиёсат метавон сухан ронд [21, с.166].

Дар асоси идоракунии самарабахши минтақавӣ бояд сиёсати мушаххаси минтақавӣ қарор гирад, ки мақсади зеринро пайгирӣ мекунад: табдил додани иқтидори рақобатпазирии минтақа ба омили рушди устувори он бо мақсади таъмини гузариши низоми иқтисодӣ ба сатҳи нав, сатҳи нисбатан босифати фаъолият.

Таҷдиди низоми идоракунии минтақавӣ иҷрои корҳои зерин имкон медиҳад:
- беҳтар кардани сиёсати танзимкунандаи рушди устувори минтақаҳо;
- беҳтар кардани механизми тақсими маблағ байни барномаҳои давлатӣ;
- арзёбӣ кардани самаранокии идоракунии минтақавӣ;
– ангезиш додани қабули барномаҳои давлатии рушди минтақаҳои алоҳида.

Бе дарназардошти чунин тафриқаҳои байни кишварҳо метавон дар бораи мавҷудият ва миқёси сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар ин ё он кишвар хулосаҳои нодуруст баровард.

Хусусиятҳои идоракунии рушди минтақавӣ дар минтақа то андозае аз намуди сохтори давлат вобаста аст. Дар давлатҳои федералӣ минтақаҳо ба иҷрои вазифаҳои минтақавӣ тавассути худмаблағгузории ин ё он хароҷот, гузаронидани чорабиниҳо, инчунин қабули қарорҳои муштарак (бо мақомоти федералӣ) дар бораи интихоби ҳудудҳои мавриди дастгирӣ ва олатҳои ба ин мақсад истифодашаванда фаъолонатар иштирок мекунанд.

Дар баробари ин, солҳои 80-90-уми асри XX байни давлатҳои федеративӣ ва унитарӣ аз лиҳози баланд бардоштани нақши мақомоти вилоятӣ дар татбиқи сиёсати иқтисодии минтақа наздикшавӣ ба мушоҳида расид. Дар кишварҳое, ки дар онҳо аз аввал нақши мақомоти марказӣ нисбатан баланд буд, барои баланд бардоштани нақши минтақаҳо (масалан, дар Италия, Юнон) тадбирҳо андешида шуданд ва, баръакс, дар мамлакатҳое, ки нақши мақомоти минтақавӣ нисбатан баланд буд, дар самти тақвияти мутамарказонӣ (масалан, дар Олмон) иқдомҳо карданд [21, с. 168].

Агар сатҳи ғайримарказонӣ сахт баланд бошад, аксаран ҳамоҳанг сохтани кӯшишҳои ҳукуматдорони марказӣ ва минтақавӣ дар ҳалли масъалаҳои калидӣ имконнопазир аст. Агар сатҳи ғайримарказонӣ паст бошад, ба назар гирифтани хусусиятҳои минтақаҳои алоҳида мушкилтар мегардад.

Ба ғайр аз ин, усули барномавии мақсаднок мавҷуд аст, ки дар бисёр мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон фаъолона истифода мешавад. Мақсади асосии барномаҳои рушди минтақавӣ баробар кардани шароити рушди минтақаҳои алоҳида ва таъмини сатҳи шоистаи зиндагии аҳолии онҳо буд ва боқӣ мемонад. Мақомоти давлатие, ки ин барномаро идора мекунанд, ба равандҳои мушаххаси истеҳсолӣ таъсир нарасонда, танҳо дар ҳамоҳангсозии умумӣ иштирок менамоянд.

Барномаҳои минтақавии мақсаднок дар Британияи Кабир қариб нисфи қаламрави кишвар, дар Норвегия то 90% қаламрави кишварро фаро мегиранд. Амалан дар ҳамаи мамлакатҳои Аврупо идораҳои махсус ё мақомоти маъмурӣ, инчунин фондҳои буҷавӣ ташкил карда шудаанд, ки бо масъалаҳои тараққиёти барномавии минтақаҳо машғул мешаванд.

Истифодаи барномаҳои мақсаднок махсусан дар давраҳои таназзули иқтисодӣ зарур аст. Масалан, онҳо дар Ҷопон ҳамчун воситаи ҳавасмандгардонии соҳаҳои нави илмталаб истифода мешаванд. Барномарезии иқтисодӣ ба хоҷагидории тамоми иқтисодиёти Ҷопон таъсири мусбат мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин сиёсати давра ба давраи минтақавӣ ба амал бароварда мешавад, ки мувофиқи он минтақаҳои мамлакат ба низоми муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ бо суръат ва миқёси гуногун дохил мешаванд. Дар марҳилаи аввал ба низоми мазкур музофотҳои Чини Шарқӣ, ки аз дастгириҳои мухталифи давлат, аз ҷумла, низоми махсуси андоз, гумрук, низоми молиявӣ, режими ҷалби сармояи хориҷӣ ва сармоягузориҳои калони давлатӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ бархӯрдор шудаанд, ворид гардиданд. Ба туфайли ин сиёсат қисми шарқии ҶМЧ муваффақиятҳои назарраси иқтисодӣ ба даст овард. Ин имкон медиҳад барои тараққиёти босуръати тамоми иқтисодиёт вуруди сармоягузорӣ ба минтақаҳои ҷудошудаи мамлакат таъмин карда шавад. Минтақаҳои мазкур ба сифати «локоматив» истифода мегарданд. Рушди умумии иқтисодиёт боиси тадриҷан баланд шудани иқтисодиёти минтақаҳои ақибмонда мегардад. Айни замон таъсири он ба тараққиёти иқтисодиёти қисми боқимондаи Хитой маҳдуд мемонад. Дар давраи ислоҳоти иқтисодӣ тафриқаи иқтисодӣ ҳатто тақвият ёфт.

Дар айни замон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин (ҶМЧ) марҳилаи дуюми сиёсати минтақавӣ амалӣ мегардад: дастгирӣ ба суст шудани тафриқаи байнիминтақавӣ дар манотиқи қисмҳои марказӣ, шимолу шарқӣ ва ғарбии ҶМЧ мусоидат мекунад. Дар ин музофотҳо ба сармоягузории давлатӣ ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ, ҷорӣ намудани низоми ҳатталимкон мусоид ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва сиёсати махсуси андоз таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Натиҷаҳои аввалин аз самарабахшии татбиқи марҳалаи нави сиёсати минтакавии Ҷумҳурии Мардумии Чин шаҳодат медиҳанд: фарқи байни сатҳи тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо суст мешавад. Самти минбаъда аз суръати таҷдиди иқтисоди Чин ва тағйирот дар модели содиротмеҳвари рушди иқтисодӣ вобаста хоҳад буд, ки дар он ба талаботи истеъмолии дохилӣ афзалият дода мешавад.

Таҷрибаи равиши чинӣ ба сиёсати минтақавӣ ба кишварҳои дорои иқтисоди гузариш хос аст. Чи тавре ки таҷрибаи мамлакатҳои дорои иқтисоди гузариш нишон медиҳад, сиёсати минтақавӣ

мақсадҳои бавоситаи худро дорад, ки тавассути онҳо бо ёрии низоми танзимкунандаҳо ба ташкили ҳудудии қувваҳои истеҳсолкунанда таъсир мерасонад.

Консепсияи рушди минтақавӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон соли 1996 оғоз ёфта, самти собиқ Иттиҳоди Шӯравиро идома дод. Тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва баробарсозии минтақаҳо ба механизми бозтақсими захираҳои молиявии минтақаҳои бойи кишвар асос ёфтааст. Тафовути сатҳи зиндагӣ дар минтақаҳо ба сабаби инкишофи таърихӣ ва шароитҳои табиию экологӣ хеле калон буда, таҷдиди сиёсати минтақавии кишварро тақозо мекард. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон «Самти стратегии кишвар»-ро таҳия карданд, ки се барномаи муҳимми рушдро дар бар мегирифт: «Стратегияи Қазоқистон 2050», «Консепсияи дохилшавии Қазоқистон ба қатори 30 кишвари пешрафтаи ҷаҳон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 14/13/2014), «Нақшаи дурнамои рушди ҳудудию фазоии кишвар то соли 2020» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон аз 21 июни соли 2011).

Дар сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Қазоқистон равишҳо ба таҷдиди нақшавии ҳудуд диққатҷалбкунанда аст, ки ба таъмини рушди мутавозини минтақаҳо нигаронида шудааст. Тибқи «Барномаи давлатии рушди минтақавӣ барои солҳои 2020-2025», ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон амалӣ карда мешавад, нақшаи зерини сохтори ҳудудӣ пешниҳод шудааст, ки бояд ба рушди бомуваффақияти иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат кунад: [14].

1) агломератсия; 2) марказҳои вилоятӣ; 3) моношаҳрҳо ва шаҳрҳои хурд, инчунин маҳалҳои аҳолинишини муттакоии деҳот. Зимнан дар шаҳрҳои хурди Қазоқистон гузаронидани ташхиси низомманд ва тадқиқоти маркетингӣ оид ба дурнамои рушди онҳо пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, муайян кардани иқтидори иқтисодии онҳо, инчунин таҳияи нақшаҳои маҷмуии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа пешбинӣ карда шудааст. Тараққиёти минбаъдаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар самти тавсеаи ваколатҳои молиявии онҳо, инчунин баланд бардоштани нақши аҳолӣ дар ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ ба назар гирифта шудааст. Дар чаҳорчӯбаи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон амалишаванда ба ҳисоб гирифтани омили инсонӣ мавқеи муҳим мебозад. Аз ҷумла, мақомоти ҷумҳурӣ маблағгузории лоиҳаҳои бузурги саноатӣ ва инфрасохториро ба нақша гирифтаанд, ки бояд ба бозори меҳнат ва рушди иқтисодӣ самараи мултипликативӣ расонад.

Сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Узбекистон ба сиёсати аз лиҳози ҳудудӣ тафриқавии давлат нигаронида шудааст, ки ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодиро пешбинӣ мекунад. Дар стратегияи дарозмуддати Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва манотиқи он амалӣ шудани Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 7.02.2017 №УП-4947 «Дар бораи стратегияи амалиёт оид ба рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» аҳаммияти махсус дорад. Ин ҳуҷҷати стратегии дорои хусусияти барномавӣ дар минтақаҳои мамлакат фаъолона амалӣ карда мешавад. Амали стратегияи мазкур ба панҷ самти рушди афзалиятноки Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 нигаронида шудааст. Он тамоюлҳои пурқуввати рушди бозорҳои глобалӣ ва ояндабинии вазъи байналмилалиро, ки ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳадди аксари таъсирро мерасонанд, имкониятҳои нави технологӣ, иштироки кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва дигар омилҳоро ба назар мегирад. Ҳадафҳои асосии стратегияи мазкур куллан баланд бардоштани самаранокии ислоҳоти амалишаванда, фароҳам овардани шароит барои таъмини рушди ҳамаҷониба ва босуръати минтақаҳои кишвар ва ҷомеа, таҷдиди минтақаҳо ва либерализатсияи тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар мебошанд.

Аввалин кӯшиши дар асоси низомманд ташкил кардани сиёсати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон тарҳҳои асосии рушди ҳудуди кишварро муайян намуд. «Барномаи ташаккули стратегияи ягонаи комплексии рушди ҳудудии Ӯзбекистон барои солҳои 2007-2011» амалӣ карда шуд [20].

Мақсади асосии стратегияи мазкури рушди ҳудудӣ фароҳам овардани шароит барои суръати баланди рушди иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар заминаи рушди маҷмуии иҷтимоию иқтисодии тамоми минтақаҳо буд.

Чунин стратегияи рушди минтақавӣ дар якчанд вилоятҳои калони Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифода шудааст. Масалан, дар вилояти Андиҷон ба рушди соҳаҳои меҳнатталаб, коркарди махсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама, меваю сабзавот диққати махсус дода мешавад. Дар вилояти Сурхондарё ва Ҷумҳурии Қарақолпоқистон вазифаҳои зиёд кардани иқтидори саноатӣ барои истифода самаранок ва оқилонаи захираҳои табиии ашёи хом гузошта шудаанд. Дар вилоятҳои Хоразм ва Тошканд ба татбиқи иқтидори инноватсионӣ ва саноатии соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд, аммо ин стратегияи минтақавӣ ҳадафҳои худро амалӣ карда натавонист.

Идоракунии самарабахши рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва минтақаҳои онро танҳо дар сурати дар заминаи равишҳои ягонаи методологӣ асоснок кардан ва таҳия намудани стратегияҳои миллӣ ва ҳудудии рушди миёнамуддат ва дарозмуддат таъмин кардан мумкин аст. Онҳо бояд аз рӯи афзалияту мақсадҳо байни ҳам мувофиқа карда шаванд, бо захираҳои зарурии меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ таъмин карда шаванд ва мақсади асосиашон баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолии мамлакат бошад.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз соли 1991 инҷониб чор маротиба кӯшиши ислоҳоти низоми маъмурию ҳудудии кишвар сурат гирифтааст. Самтҳои муҳимми рушди сиёсати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон «Консепсияи сиёсати давлатии минтақавии Қирғизистон» [15], «Консепсияи ислоҳоти маъмурӣ-ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2012-2017» [16] мебошанд.

«Консепсияи сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2018-2022» [17] ба суръатафзоии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ тавассути дастгирии фокалии рушди минтақаҳои калидӣ, ки марказҳои рушдро дар бар мегиранд, равона карда шудааст.

Рушди ҳар як минтақа дар Ҷумҳурии Қирғизистон тавассути лоиҳаҳои миллӣ, таъсиси минтақаҳои иқтисодӣ, махсусан дар кишоварзӣ, ки чун соҳаи стратегӣ муайян шудааст, таъмин карда мешавад. Дар минтақаҳо он самтҳое рушд хоҳанд кард, ки ба «локомативҳо» табдил мeёбанд ва дар атрофи худ корхонаҳои дигар соҳаҳои иқтисодиёти минтақаро ҷамъ карда, пас аз якчанд сол, натиҷаҳои воқеиро ба бар меоранд. Инчунин, беҳтар намудани фазои умумии соҳибкорӣ, инфрасохтори тиҷоратӣ, шабакаи роҳҳо, васеъ намудани ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият дар соҳаи буҷет ва андоз, дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисоди минтақа пешбинӣ шудааст.

Сиёсат ва барномаҳои мавҷудаи минтақавӣ дар Қирғизистон дар самти рафъи номутаносибӣ дар рушди минтақавӣ самаранок нестанд ва маҳз ҳамин нукта зарурати андешидани чораҳоро оид ба коҳиш додани тафриқаи байниминтақавӣ собит месозад.

Дар асоси таҳлили таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷии аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта ва мамолики пасошӯравӣ дар татбиқи сиёсати минтақавӣ, инчунин имкониятҳои амалигардонии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудан лозим аст, ки сиёсати минтақавӣ бояд сиёсати муттаҳидсозанда бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун минтақаи агросаноатии собиқ давлати Шӯравӣ, тақсимоти меҳнат ба истеҳсоли ашёи хом, аз қабили нахи пахта, меваю сабзавот ва як қатор дигар маҳсулоти саноати сабук, хӯрокворӣ ва маъдан махсус гардонида шудааст. Ҳукумати иттифоқӣ дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна сиёсати ягонаи минтақавиро ба амал мебаровард.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи асосии рушди сиёсати минтақавӣ таҳкими ҳамгироии раванди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳалли зиддиятҳои дар натиҷаи номутаносибии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои гузашта дар минтақаҳои гуногун ба вуҷуд омада бо роҳи рафъи қафомондагии онҳо муқаррар гардид. Вазифаи минтақаҳо ва ҳудудҳои маҳаллӣ бо вазифаи умумии рушди иқтисоди миллии мамлакат зич алоқаманд буданд.

Барои амалӣ намудани сиёсати минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст, ки аз махсусияти шароити табиию иқтисодӣ ва вижагии фаъолияти иқтисоди минтақа бармеоянд:

1. Дар заминаи тибқи принсипҳои бозорӣ дигаргунсозии фаъолияти хоҷагидорӣ, мусоидат кардан ба раванди инкишоф ва баробарсозии сохтори ноҳияҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда дар дохили минтақаҳо, махсусан ноҳияҳое, ки дар ҳудудҳои кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва сарҳаддии мамлакат ҷойгиранд;

2. Дар зинаҳои мухталифи ҳокимияти давлатӣ андешидани тадбирҳо оид ба коҳиши сатҳи муҳоҷират дар байни аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, сари вақт расонидани ёрии давлатӣ ба бекорон, махсусан ба ҷавонон дар раванди воруди онҳо ба ҳаёти меҳнатӣ ва ба ашхосе, ки таҳти хавфи танг карда баровардан аз бозори меҳнат қарор доранд, мутобиқ кардани онҳо ба тағйироти бозории дар соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат рухдиҳанда;

3. Дар доираи барномаи ислоҳоти иқтисодиёти минтақавӣ мусоидат кардан ба рушди соҳаи кишоварзии иқтисоди миллӣ тавассути рушди босуръати сохторҳои бозории кишоварзӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ, кооперативӣ ва дигар объектҳои инфраструктура;

4. Ҳавасмандгардонии рушд ва баробарсозии сохтори сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, бахусус ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳӣ, ки зичии аҳолиашон хеле баланд аст.

Ҷанги шаҳрвандӣ боиси бад шудани иқтисодиёт гардид ва қисми зиёди инфрасохтори мавҷудаи иҷтимоию иқтисодиро хароб намуд. Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи аввалиндараҷа ва муҳим қабули стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар гардид.

Аз соли 2003 сар карда таҳияи барномаҳои солонаи иқтисодӣ оғоз ёфт ва тибқи афзалиятҳои таҷаммуи миллӣ, соҳавӣ ва минтақавии захираҳо, ки роҳбарияти мамлакат эълон карда буд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид.

Ҳамзамон метавон гуфт, ки дар давраи муосир қадами аввалин дар самти гузариш ба амалияи ҳамоҳангсозии фаъолиятҳои гуногунҷанбаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо нашри «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» [10] ва «Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор барои солҳои 2007-2030» гузошта шуд [13].

Модели рушд, ки ба мутавозинии ҷузъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувори тамоми минтақаҳо такя мекунад, дар асоси қабули «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016- 2020» [12] қадами навбатӣ гардид.

Дар ин давра сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 53 фоизи соли 2007 то 21 фоизи соли 2023 коҳиш ёфта, қариб се баробар паст гардид, рушди муътадили иқтисодӣ дар сатҳи 7 фоиз таъмин карда шуд, бекурбшавии пул то ба адади якрақама поён омад, буҷети давлатӣ бо нигоҳ доштани каср дар сатҳи 0,5 фоизи ММД қариб 9 баробар афзуд, дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт пешравиҳои назарраси иқтисодӣ ба даст омаданд.

Рушди нави минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030» [13] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби 3. банди 3.1. «Рушди минтақаҳо» тараққии минтақаҳои мамлакат, ки ислоҳоти муҳимтарини иқтисодӣ ва нуқтаи ниҳоии ҷидду ҷаҳди Ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад, пешбинӣ шудаааст: тараққиёти мутавозини минтақаҳо бо таваҷҷуҳи махсус дар самти баробарсозии ҳудудии нишондиҳандаҳои пойгоҳии сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақаҳо, тараққиёти маҷмуии ноҳияҳои кишоварзӣ; шаҳришавӣ ва мусоидат ба равандҳои инкишофи шарҳҳо, аз ҷумла шаҳрҳои хурд; ташаккули кластерҳои ҳудудию истеҳсолӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ; васеъшавии фазоии бозори меҳнат.

Ҳангоми баррасии таҷрибаи хориҷӣ аз нуқтаи назари судмандии он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар доштан лозим аст, ки ғайримарказонии сиёсати иқтисодии минтақавӣ, ба копсепсияи «рушд аз поён» (ки на ба манбаъҳои берунӣ, балки ба манбаъҳои дохилӣ асос меёбад ва нақши назарраси ҳукуматҳои минтақивиро дар танзими рушди иқтисодии ҳудудҳо пешбинӣ мекунад) такя кардани он дар ҳамаи шароитҳо имконнопазир аст: Таҷрибаи Юнон (солҳои 80) ба ҳамагон маълум аст, дар он ки мақсади «рушд аз поён» гузошта шуда буд ва мақомоти минтақавӣ аз уҳдаи дастгирии барномаҳои татбиқшаванда набаромаданд, зеро онҳо кадрҳои баландихтисос, пойгоҳи илмию техникӣ ва инфрасохтории зарурӣ надоштанд [9, с.76].

Равандҳои ба амалояндаи дигаргунсозӣ дар соҳаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии мамлакат хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд. Дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бештар аз чор се ҳиссаи аҳолӣ дар он ҷо зиндагӣ мекунад, мақомоти худидоракунии маҳаллии деҳот институти худидоракунӣ мебошанд ва дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши муҳим мебозанд [18, с.4].

Онҳо низоми ягонаи худидоракунии маҳаллиро ташкил мекунанд, ки бояд ҳамоҳангсозии манфиатҳои аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор, ҳамчунин ташкилотҳои байналхалқиро, ки дар ҳудуди онҳо фаълияташонро амалӣ мегардонанд, бо манфиатҳои мақомоти боло ба мақсади таъмини захиравии рушди иҷтимою иқтисодии ҷомеа таъмин кунад.

Дар баробари тавсеаи мустақилияти минтақаҳо дар ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ масъулияти онҳо барои тараққиёти маҷмуии ҳудуд хеле афзуд. Дар баробари ин қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни ҷамъият зимни маҳдуд будани захираҳо зарурати истифодаи самарабахши иқтидори иқтисодии ҳудудро барои таъмин намудани суръати баланди тараққиёти минтақаҳо ба миён меорад.

Дар асоси таҳлилу баррасиҳои болозикр мо метавонем хулосаҳои зеринро ироа намоем:

Аввалан, дуруст истифода бурдани воситаҳо ва усулҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сиёсати минтақавии давлатӣ самти асосии ҳалли муаммоҳои фазоию ҳудудӣ ва ноил шудан ба рушди мутавозини миллӣ ба шумор меравад.

Кишварҳои аврупоӣ дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати минтақавӣ таҷрибаи ғанӣ андӯхтаанд, ки онро ба шарти истифодаи методҳои барномавию ҳадафманд амалӣ кардан мумкин аст. Масалан, дар Норвегия рушди минтақавии тақрибан 90% ҳудуд бо истифодаи методҳои барномавии ҳадафманд амалӣ карда мешавад.

Дар Иттиҳоди Аврупо фондҳои махсуси сохторӣ таъсис дода шудаанд (масалан, Фонди иҷтимоии Аврупо, Хазинаи рушди минтақавии Аврупо), ки сиёсати минтақавии кишварро мунтазам ва пайваста амалӣ мекунанд. Захираҳои ин фондҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ байни минтақаҳо, рушди инфрасохтори онҳо ва таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ ва наздисарҳаддӣ равона карда шудаанд.

Сониян, ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавӣ имкониятҳои захиравии минтақа, аз ҷумла мақомоти ҳукуматиро, ки дар раванди ташаккул ва татбиқи он нақши пешбаранда мебозанд, дақиқу аниқ ба инобат гирифтан лозим аст.

Барои таъмини рушди бештар устувор ва мақсадноки бахшҳои гуногуни иқтисодиёт стратегияҳои дарозмуддати рушди миллӣ ва минтақавӣ заруранд. Идоракунии самараноки стратегияҳои рушди кишвар ва минтақаҳо аз бисёр ҷиҳат аз он вобаста аст, ки онҳо байни худ то чи андоза ҳадафу вазифаҳоро дар рушди дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлат мувофиқа мекунанд.

Сеюм, барои татбиқи раванди ташаккули стратегияҳои рушди минтақаҳо методологияи ягона ва асосноки стратегиясозӣ зарур аст, то равандҳои ҷорӣ ба риштаи таҳлил кашида, дар ин асос тамоюлҳои асосии рушди ҳудуд ошкор карда шаванд.

Ҳангоми татбиқи сиёсати минтақавӣ он набояд танҳо бо имконияту захираҳои ҳудуди худ маҳдуд шавад, кооператсияи фаромарзии саъй захирҳоро бо ҳудудҳои ҳамсоя ба назар гирифтан лозим аст. Татбиқи стратегияҳои минтақавӣ ба имкониятҳо ва ҳалли мушкилот танҳо дар дохили минтақа самтгирӣ менамояд.

Барои аз даст надодани имкониятҳои воқеии ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ масъалаи барқарор намудани робитаҳои фаромарзии ҳамгироӣ бо қаламравҳои ҳамсоя, кооператсияи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорро дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат баррасӣ кардан зарур аст. Ба ин мақсад самти илмию амалӣ тақозо карда мешавад, ки онро метавон тавассути усулҳои танзими равандҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа, бо истифода аз технологияҳои муосир барои таҳияи стратегияи рушди минтақа такмил дод.

Чаҳорум, барои рушди минбаъдаи минтақа ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа баҳои холисона дода, таъсири омилҳои дохилию берунии муҳити зист, мавҷудияти ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имконияту таҳдидҳои воқеӣ, захираҳои иқтисодӣ ва иқтидори онро муайян кардан лозим аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Бойматов, А.А. Региональная политика устойчивого социально-экономического развития/А.А.Бойматов// Вестник Волгоградского института бизнеса. Бизнес. Образование. Право.- 2017.- № 1 (38).- С.160-164.
2. Ветлугин, С.Ю. Региональная политика зарубежных государств: альтернативные подходы/С.Ю.Ветлугин// Проблемы современной экономики.- 2004. № 4 (12).-С. 46-51.
3. Гладкий Ю.Н. Основы региональной политики/Ю.Н.Гладкий, А.И.Чистобаев. -Санкт-Петербург: Изд-во Михайлова В.А. - 1998.- 659 с.
4. Гранберг, А.Г. Основы региональной экономики/А.Г.Гранберг. – Москва: ГУ ВШЭ. - 2000. - 495 с.
5. Дудин, М.Н. Зарубежный опыт осуществления региональной политики в условиях транзитивной экономики и возможность применения его в России/М.Н.Дудин// Региональная экономика: теория и практика. - 2015. - № 10(385). - С. 2-15.
6. Исляев Т.Р. Региональная пространственная политика социально-экономического развития: взгляд на теорию и историю/Т.Р.Исляев// Проблемы современной экономики.- 2012. № 4. -С. 268-270.
7. Лаженцев, В.Н. Территориальное развитие: методология и опыт регулирования/В.Н.Лаженцев. -Санкт-Петербург: Наука.- 1996.- 107 с.
8. Ларина, Н.И. Региональные проблемы и опыт региональной политики Греции/Н.И.Ларина// Регион: экономика и социология. – 1999, № 2. -С.76-82.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, № 4, мод. 277, № 8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1431; аз 04.04.2019 с., №

1598) аз 05. 08. 2009 с. №549. Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
10.Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015» аз 28 июни соли 2007 № 704. Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор» аз 1 октябри соли 2007 № 500. Манбаи электронӣ: https://filial-nic-mkur.tj/ (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
12.Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» аз 28 декабри соли 2016, № 678. Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/system (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
13. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» аз 1 декабри 2016, № 636. Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/system/ (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон «Барномаи давлатии рушди минтақавӣ барои солҳои 2020-2025» аз 27 декабри соли 2019 № 990. Манбаи электронӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1900000990 (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
15. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон «Консепсияҳои сиёсати давлатии минтақавии Қирғизистон» аз 11 марти соли 2009 № 171. Манбаи электронӣ: https://cbd.minjust.gov.kg/30-120/edition/348195/ru (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон «Консепсияи ислоҳоти маъмурӣ-ҳудудӣ дар Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2012-2017» аз 23 марти соли 2012 № 198. Манбаи электронӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31463847 (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
17.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон «Консепсияи сиёсати минтақавии Ҷумҳурии Қирғизистон барои солҳои 2018-2022» аз 29 марти соли 2018№ 107-р. Манбаи электронӣ: https://cbd.minjust.gov.kg/99907/edition/851210/ru (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
18.Пулодова, Х.Ш. Основы формирования механизма реализации экономических ресурсов региона и пути повышения их эффективности (на уровне органов местного самоуправления). Монография/Х.Ш.Пулодова. -Худжанд: Нури маърифат, -2014. -180с.
19.Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи идоракунии рушди маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 11 .07. 2015. № 522. Манбаи электронӣ: https://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
20.Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Барномаи ташаккули стратегияи ягонаи комплексии рушди ҳудудии Ӯзбекистон барои солҳои 2007-2011» аз 20 апрели соли 2006 № Р-2482. Манбаи электронӣ: https://kadrovik.uz/doc (санаи муроҷиат ба сомона: 25.02.2024)
21.Юилл, Д. Основные характеристики региональной политики: опыт европейских стран/Д.Юилл//Регион: экономика и социология. – 1999. специальный выпуск.- С.165-171.

## REFERENCES:

1. Boymatov A.A. Regional policy of sustainable socio-economic development // Bulletin of the Volgograd Institute of Business. Business. Education. Law. - 2017. - No. 1 (38). - P. 160-164.
2. Vetlugin S.Yu. Regional policy of foreign states: alternative approaches // Problems of modern economy. - 2004. No. 4 (12). - P. 46-51.
3. Gladkiy Yu.N., Chistobaev A.I. Fundamentals of regional policy. - St. Petersburg: Publishing house of Mikhailov V.A. - 1998. - 659 p.
4. Granberg A.G. Fundamentals of regional economy. - Moscow: HSE. - 2000. -495 p.
5. Dudin M.N. Foreign experience of implementing regional policy in the context of a transition economy and the possibility of its application in Russia // Regional Economy: Theory and Practice. - 2015. - No. 10 (385). - P. 2-15.
6. Islyaev TR Regional spatial policy of socio-economic development: a look at theory and history // Problems of modern economy. - 2012. No. 4. -P. 268-270.
7. Lazhentsev VN Territorial development: methodology and experience of regulation. - St. Petersburg: Science. - 1996. - 107 p.
8. Larina, NI Regional problems and experience of regional policy of Greece // Region: economy and sociology. - 1999, No. 2. -P.76-82.

9. Law of the Republic of Tajikistan «On Self-Government Bodies in the Settlement and Village» (News of the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan, p. 2009, No. 7-8, article 503; p. 2012, No. 4, article 277, No. 8, article 833; p. 2015, p. No. 11, article 964; Laws of 30.05 .2017, No. 1431, dated 05.08.2019, No. 549. Electronic source: https://mmk.tj/content/ (date of access to the website: 25.02.2024)
10. Resolution of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli Republic of Tajikistan «National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2015» dated 28.06.2007 No. 704. Electronic source: https://mmk.tj/content/ (date of access to the website: 25.02.2024)
11. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan «Concept of the transition of the Republic of Tajikistan to sustainable development for 2007-2030» from 1 .10. 2007 No. 500. Electronic source: https://filial-nic-mkur.tj/ (date of access to the website: 25.02.2024)
12. Resolution of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan «Medium-Term Development Program of the Republic of Tajikistan for the Period 2016-2020» from 28 .12 2016 No. 678. Electronic source: https://mmk.tj/system (date of access to the website: 25.02.2024)
13. Resolution of the Majlisi Namoyandagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan «National Development Strategy of the Republic of Tajikistan until 2030» from 1.12 . 2016, No. 636. Electronic source: https://mmk.tj/system/ (date of access to the website: 25.02.2024)
14. Resolution of the Government of the Republic of Kazakhstan «State Program for the Development of Regions for 2020-2025» from 27.12.2019 No. 990. Electronic source: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1900000990 (date of access to the website: 25.02.2024)
15. Resolution of the Government of the Kyrgyz Republic «Concepts of the State Regional Policy of Kyrgyzstan» from 11 .03. 2009 No. 171. Electronic source: https://cbd.minjust.gov.kg/30-120/edition/348195/ru (date of access to the website: 25.02.2024)
16. Resolution of the Government of the Kyrgyz Republic «Concept of administrative-territorial reform in the Kyrgyz Republic for 2012-2017» dated 23.03.2012 No. 198. Electronic source: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31463847 (date of access to the website: 25.02.2024)
17. Resolution of the Government of the Kyrgyz Republic «Concept of regional policy of the Kyrgyz Republic for the period 2018-2022» dated 29.03.2018 No. 107-r. Electronic source: https://cbd.minjust.gov.kg/99907/edition/851210/ru (date of access to the website: 25.02.2024)
18. Pulodova H.Sh. Fundamentals of the formation of a mechanism for the implementation of economic resources of the region and ways to improve their efficiency (at the level of local governments). - Khujand: Nuri Marifat,- 2014. P. 180.
19. Decree of the President of the Republic of Tajikistan «Concept of local development management in the Republic of Tajikistan for the period up to 2030» dated 11.07. 2015. No. 522. Electronic source: https://mmk.tj/content/(date of access to the website: 25.02.2024)
20. Decree of the President of the Republic of Uzbekistan «Program for the Formation of a Unified Comprehensive Strategy for Territorial Development of Uzbekistan for 2007-2011» dated 20.04.2006 N R-2482. Electronic source: https://kadrovik.uz/doc (date of access to the website: 25.02.2024)
21. Yuill, D. Main characteristics of regional policy: experience of European countries // Region: economics and sociology. - 1999. special issue. - P.165-171.